Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Мирзоқодир Аюб дар мавзуи «Функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023).**

Дар фазои муносибатҳои экологӣ яке аз механизмҳои муҳимтарин барои бартарафнамоии ҳолатҳои манфӣ дар мавҷудияти муҳити зист ва муносибати инсонҳо бо табиат ин функсияи экологии давлат ба шумор меравад. Сатҳи фазои идоракунӣ, танзим ва амалисозии механизмҳои расмӣ-ҳуқуқии ҳифзи муҳити зистро функсияи экологии давлат ташкил медиҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба масъалаҳои экологӣ диққати махсус дода мешавад, ки ҳолати мазкурро мо аз ташаббусҳои сатҳи байналмилалии кишварамон мушоҳида карда метавонем. Ташаббусҳои экологии давлат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рафъи проблемаи экологии сатҳи ҷаҳонӣ бетараф набуда, дар ин маврид тарафдор ва саҳмгузори таъмини амнияти экологӣ, солимии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва наслҳои ояндаи башарият мебошад.

Яке аз муаммоҳои мавҷудаи экологие, ки даҳсолаҳои охир барои самаранок амалишавии сиёсати функсионалии экологии давлат халал расонидааст, ин зиёд шудани шумораи корхонаҳои хурду бузурги истеҳсолии барои муҳити зист зараровар мебошанд, ки бо миқдори зиёди

партовҳои газӣ, моеъгӣ ва сахти худ ба ҳолати экологии зараррасонанда табдил ёфтаанд. Бо ин назардошт, дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ ва хосатан назарияи давлат ва ҳуқуқ яке аз самтҳои алоҳидаи функсияи мустақили давлатро маҳз функсияи экологӣ ташкил карда истодааст, ки ҳолати мазкур аз муҳиммияти айнизамонии он дарак медиҳад.

Масоили ташвишовари экологии сайёра, аҳли ҷомеа ва олимонро водор намудааст, ки роҳҳо ва механизмҳои муташаккили роҳандозӣ кардани тадбирҳои беҳдошти вазъи экологӣ амалӣ гардонида шаванд, ки дар маҷмӯъ ба сифати фаъолият дар самти рушди устувор баҳогузорӣ мешавад.

Дар баробари ин, проблемаҳои мавҷудаи экологӣ ба монанди истифодаи самаранок ва оқилонаи сарватҳои табиӣ, гармшавии бесобиқаи иқлими сайёра, аз ҳадди муқаррарӣ барзиёд обшавии пиряххо, биёбоншавӣ, вазъи ногувори эпидемиологии сайёра, норасогии об, рахнашавии барзиёди қабатҳои озонии ҳавои атмосферӣ, ифлосшавии ҳаво ва монанди инҳо дар маркази диққати ҷиддии ҳуқуқшиносон, экологҳо, иқтисодчиён, файласуфон, сиёсатшиносон, географҳо ва намояндагони қишри дигари донишҳои илмӣ, инчунин намояндагони ҳокимияти давлатӣ қарор доранд. Бинобар ҳамин, таҳқиқи илмии масъалаи мазкур аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ барои рушди низоми ҳуқуқӣ ва иқтисодии кишвар нақши муҳим дошта метавонад.

Бевосита дар илми ҳуқуқшиносӣ вобаста ба масъалаҳои мазкур таваҷҷуҳи асосиро масъалаҳои идоракунии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, проблемаҳои истифода ва ҳифзи сарватҳои табиӣ, функсияи экологии давлат, татбиқи қонунгузории амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки вазъи экологӣ сол аз сол ташвишовар шуда, оядаи кору зиндагонии муътадили инсонро дар рӯи замин зери хатар мегузорад. Ифлосшавии табиат «сарҳадҳои миллӣ»-ро намедонад ва ба

муҳити атроф паҳн мегардад. Ин гуна вазъият фаъолияти ба ҳам мутобиқ, мақсаднoки функсионалии ҳамаи давлатҳоро талаб мекунад.

Аз ин сабаб, мавзуи барои ҳимоя пешниҳоднамудаи Қодирзода М.А. мавзуи мубрами илмӣ буда, амалинамоии чунин як нақша заминаи комил намудани холигиҳо дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ ва қонунгузории амалкунанда мегардад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба мавзуи мубрам бахшида шуда, сохтори он мантиқӣ ба назар мерасад ва ба 2 бобу шаш зербоб тақсим шуда, муқаддима, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати сарчашмаҳои истифодашуда, рӯйхати асарҳои муаллифро дар бар мегирад.

Қодирзода М.А. дар натиҷаи таҳқиқоти мавзуъ панҷ навгониро барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Дар қатори ин дастоварди илмии унвонҷӯ аст, ки тавсияҳои зиёдеро барои такмили қонунгузории соҳавӣ, санадҳои зерқонунии соҳаи экологӣ пешниҳод намудааст. Навгониҳои пешниҳодшуда ҳамагӣ лоиқи дастгирӣ мебошанд. Саҳми муаллифро дар муайян кардани мафҳум ва хусусиятҳои функсияи экологии давлат қайд намудан лозим аст. Аз ҷумла, унвонҷӯ чунин таъриф ва хусусиятҳои онро пешниҳод менамояд: «Функсияи экологии давлат - яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти давлат (мақомоти салоҳияти умумидошта ва соҳавӣ) мебошад, ки ҷиҳати ҳифз, истифода, нигоҳдорӣ ва барқарорсозии захираҳои табиӣ равона гардида, дар асоси меъёрҳо ва принсипҳои байналмилалӣ, минтақавӣ, инчунин қонунгузории дохилидавлатӣ муайян ва бо мақсади таъмини амнияти экологӣ барои наслҳои имрӯза ва оянда инсон амалӣ карда мешавад.

Хусусиятҳои функсияи экологии давлат аз инҳо иборат аст: - функсияи экологии давлат яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти давлат мебошад; - функсияи экологии давлат аз ҷониби мақомоти салоҳияти умумидошта ва соҳавӣ амалӣ карда мешавад; - функсияи экологии давлат дар асоси меъёрҳо ва принсипҳои байналмилалӣ, минтақавӣ, инчунин қонунгузории дохилидавлатӣ муайян ва амалӣ

карда мешавад; - функсияи экологии давлат ҷиҳати ҳифз, истифодаи мақсаднок, самараноку оқилона ва азнавбарқарорсозии захираҳои табиӣ равона гардидааст; - функсияи экологии давлат бо мақсади таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист, кафолати ҳуқуқи инсон ба муҳити зисти мусоид, пешгирии таъсири номатлуби фаъолияти хоҷагидорӣ ва таъсири дигар шаклҳои фаъолият ба муҳити зист, идоракунии давлатӣ, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи экологӣ, танзими ҳуқуқии давлатии соҳаи экологиро муайян намуда, ба таъмини сиёсати давлатӣ дар соҳаи муносибатҳои экологӣ, асосҳои экологии рушди устувор, таъмини амнияти экологӣ барои наслҳои имрӯза ва ояндаи инсон равона карда шудааст». (саҳ. 14 автореф). Тавсияҳои унвонҷӯ шаҳодати хуб шинос будани муаллиф ба масоили назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалияи муносибатҳои вобаста ба функсияи экологии давлат дар марҳилаи муосир мебошад.

Муаллиф пешниҳод мекунад, ки «рафти таҳқиқи масоили таснифоти функсияи экологӣ собит менамояд, ки функсияи экологӣ ба дохилӣ, берунӣ ва минтақавӣ таснифбандӣ карда мешавад».

Нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар такмилу таҳкими қонунгузорӣ, амалияи судӣ, фаъолияти мақомоти соҳавӣ ва ҳангоми таълими фаннӣ истифода бурдан мумкин аст.

Аз мазмуни матни автореферат мушоҳида кардан мумкин аст, ки унвонҷӯ Қодирзода М.А. қобилияти машғул шудан ба таҳқиқоти илмиро дошта, усулу равишҳои кор бо адабиёти илмиро хуб медонад ва моҳирона онҳоро дар кор истифода бурдааст. Қодирзода М.А. маҳорати илмӣ нишон дода, дар заминаи истифодаи усулҳои омӯзиш тавонистааст, ки як қатор хулосаҳои илмиро пешниҳод намояд.

Дар қатори комёбиҳои илмӣ дар автореферат баъзе камбудиҳои имлоӣ, забонӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки чунин эродҳо арзиши илмии рисоларо паст намекунад.

Диссертатсияи илмии Қодирзода Мирзоқодир Аюб кори таҳқиқотии комил, анҷомёфта, комплексӣ буда, нуктаҳои асосии он холигиро дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ пурра мегардонад ва ин саҳми унвонҷӯ дар илми ҳуқуқшиносӣ ба шумор меравад. Аз гуфтаҳои фавқуззикр хулоса кардан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» ба талаботи Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Қодирзода Мирзоқодир Аюб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор аст. Тақриз дар асоси муқарраротӣ мавҷуда, хусусан «Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

**Тақриздиҳанда:**
мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва
зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Алиев Ф.Ш.

Имзои Ф.Ш. Алиевро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Пирзода С.С.

«05» майи 2023 с.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½
Тел.: +992 (37) 234-83-46
E-mail: tguk@mail.ru